**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 28 саҳ).**

Рисолаи номзадии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» мубрам ба ҳисоб рафта, барои танзими ҳамаҷонибаи масъалаҳо дар самти моликияти коммуналӣ ва рушди ҳуқуқи маданӣ мусоидат менамояд. Маврид ба зикр аст, ки дар охири солҳои 90-ум дар кишварамон амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ оғоз ёфт, ки зарурати таҳия намудани заминаи мустақили меъёрии ҳуқуқиро ба миён овард, ки дар он тағйироти дар муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии пайдошаванда инъикос мегарданд.

Дар ин росто, гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ боиси пайдо шудани зарурати азнавташкилдиҳии муносибатҳои ҳуқуқии ба моликият вобаста гардид. Вобаста ба ин, унвонҷӯ қайд намудааст, ки “Қонунгузории ҶТ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки мустақилона мазмуни муносибатҳои молумулкии худро тавассути шартномаву созишномаҳои гуногун муайян кунанд. Тағйир ёфтани консепсияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ, таъсисёбии ниҳодҳои нав оид ба муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, ки ба моликият алоқаманд мебошад ва навгониҳои дигар дар қонунгузорӣ дарки нисбатан амиқи назариявии

мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкии шаҳрвандонро дар заминаи қонунгузории такмилдодашуда ва консепсияҳои муосир тақозо менамояд”.

Аз матни автореферат (С.14) бармеояд, ки диссертатсия аз мундариҷа, 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти (маъхазҳо)-и истифодашуда иборат мебошад. Чунин нишондиҳандаҳо далели он аст, ки диссератсияи мазкур асари калонҳаҷми илмӣ буда, фарогири ҷанбаҳои асоси масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ мебошад.

Дар ҳамбастагӣ бо ин, бояд гуфт, ки рисола бо забони давлатӣ таҳия гардидааст. Истилоҳҳо ва ифодаҳои ҳуқуқӣ бо мазмуни аслӣ ва муносиб истифода шуда, таҳлили масъалаи баррасишаванда бо сабки сирф ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст.

Чуноне аз автореферати диссертатсия бар меояд, дар рафти таҳияи рисола адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардидааст, ки сифати илмии онро зинат медиҳад. Махсусан, истифодаи адабиёти илмии ватании марбут ба масъалаҳои баррасишаванда гувоҳи таҳқиқоти комил аз ҷониби муаллиф мебошад.

Ҳамчун қоида дар муқаддимаи он мубрамияти мавзӯи интихобшуда, робитаи он бо барномаҳо ва мавзӯи илмӣ, сатҳи илмии коркарди мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, предмет ва объекти он ва дигар масъалаҳо баррасӣ шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда ҷамъбаст карда шудааст.

Умуман диссертатсияи мазкур сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар он вобаста ба мавзӯъ ва вазифаҳои иҷрошудаи таҳқиқот дониши нав ба назар мерасад.

Унвонҷӯ ба таҳқиқотҳои гузаронидашудаи олимони тоҷик ва рус, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудааст, дар доираи муайян такя менамояд. Дар ин росто, махсусан асарҳои Б.С. Аминҷонов, С.Ш.

Болтуев, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ш.К. Ғаюрзода, А.Д. Ғафурзода, Ш.М. Исмоилов, З.К. Қодиров, Қ.Ш. Қурбонов, Н.Р. Латифзода, Ш. Менглиев, М.А. Маҳмудзода, К.Т. Мухторов, В.А. Ойгензихт, Х. Ойев, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзод, Ф.С. Сулаймонов, Ш.Т. Тағойназаров, О.У. Усмонов, Х. Ҳамидов, И.Ю. Аккуратов, С.В. Артюшин, А.М. Сирин ва дигарон таҳлил шудаанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ низ мунтазам ва мантиқан дуруст муайян карда шудаанд, аз ҷумла: 1) муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; 2) тадқиқи субъектҳои он; 3) таҳлили объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; 4) омӯзиши мазмуни ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; 5) таҳлили илмии хусусигардонии моликияти коммуналӣ; 6) муқаррар намудани воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; 7) таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҶТ дар соҳаи тадқиқшаванда. (Саҳ.7 автореферати диссертатсия).

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда қобили дастгирианд ва метавонад чун навоварии илмӣ дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии кишвар эътироф намуд. Дар баробари комил ва мусбӣ будани таҳқиқоти рисола, дар он метавон ба масъалаҳои баҳснок вохӯрд. Чунончи, диссертант дар саҳифаи 25 автореферат дар баробари дигар тавсияҳо пешниҳод шудааст, ки қисми 1 м. 283 КМ ҶТ дар таҳрири нав баён карда шавад ва ба мафҳуми «моликияти хусусӣ», ба ғайр аз моликияти шахсони хусусии ватанӣ, инчунин моликияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ворид карда шаванд. Дар иртибот ба ин, қобили қабул мешуд агар муаллиф ба тафсиви васеи масъалаи мазкур каме равшанӣ меандохт.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,

тахти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи**
**факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Шарифов Ш Ҷ.**

**Имзои Шарифов Ш. Ҷ -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **А. Мустафозода**
**«02» июни 2023 с.**

Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Телефон: (992 37) 224-13-83, факс: